# ҚАРОРИ

## Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

05 марти соли 2024, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Одинаев Шоҳин Талбакович тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, (ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ҳоло Президенти АМИТ, Раҳимов Зафар Сайдалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, саромӯзгори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., д.и.и., профессор Рауфӣ А. ва н.и.г.м. Арифов Ҳ.О. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Ки тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид -нест, бетараф -нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ, д.и.и. Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ, н.и.и. Бобозода К.О.

05.03.2024с